Дар ёд доред: кор кардан ва гирифтани патенти кор дар Россия танҳо баъди расидан ба синни 18-солагӣ мумкин аст!

Ягона ташкилоте, ки дар вилояти Ленинград ҳуқуқи қабули ҳуҷҷатҳо барои тайёр кардани патентро дорад, ин мебошад – ФГУП «Паспортно-визовый сервис» МВД России pvsmvd.ru/branches/47

Муҳлати тайёр кардани патенти кор – 10 рӯзи корӣ. Дар асоси патенти кор сабти муҳоҷират (регистратсия)-ро мунтазам мувофиқи он дароз кунед.

Барои кор бо патент шумо бояд андози пешакӣ барои ҳар моҳи оянда кор (НДФЛ) супоред. Ин андозро пешакӣ барои чанд моҳ ҳам супурдани мумкин аст.

Дар соли 2023 ин андоз дар вилояти Ленинград 4400 рубл дар як моҳ аст.

Баъди анҷоми муҳлати амали патент бояд аз Россия берун шуд ё патентро аз нав дар отделении по вопросам миграции УВМ МВД РФ на дертар аз 10 рӯзи гузаштани муҳлати амали патент аз нав ба қайд гирифт.

Маълумоти муфассал дар сайти иттилоотии УВМ ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области: 78.мвд.рф/ms

**5. Барои ҳамаи шаҳрвандони хориҷии аз 6-сола боло гузаштани сабти изи ангушт (дактилоскопӣ), суратгирӣ ва озмоиши тиббӣ зарур аст – барои ин муроҷиат кунед ба ФГУП «Паспортно-визовый сервис МВД России» (сайти расмӣ: pvsmvd.ru/branches/47) бо суроғаи Санкт-Петербург, ул. Красного Текстильщика, д. 10-12, лит. В:**

- дар муҳлати 30 рӯз баъди вуруд ба ФР – барои нияти кор
- дар муҳлати 90 рӯз аз лаҳзаи вуруд ба ФР – дар ҳолати бо мақсадҳои шахсӣ омадан ба муҳлати бештар аз 90 рӯз.

Суратгирӣ ва санҷиши дактилоскопиро бепул кардан мумкин аст.

Шаҳодатномаи тиббӣ дар бораи надоштани бемориҳои хатарноки иҷтимоӣ – хизматрасонии пулакӣ аст ва аз озмоиш ҳар сол гузаштан даркор аст: на дертар аз 30 рӯз пеш аз санаи ба анҷом расидани муҳлати амали сертификати пешинаи тиббӣ.

**6. Вақте ки кор пайдо кардед, ҳатман бо корфармо ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ ё ШАҲРВАНДӢ-ҲУҚУҚӢ имзо кунед. Корфармо инчунин уҳдадор аст, ки барои ҳар корманде, ки барояш мувофиқи шартнома беш аз 5 рӯз кор мекунад, дафтарчаи меҳнатӣ кушояд.**

Шаҳрвандони Украина ва давлатҳои аъзои ЕАЭС (Иттиҳоди иқтисодии Авросиё: Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон) метавонанд ба сифати худшуғлӣ сабти ном кунанд. Худшуғлон андози кам (4 % мувофиқи шартнома бо шахсони воқеъӣ, 6% мувофиқи шартнома бо шахсони ҳуқуқӣ) медиҳанд ва мустақилона ба хизматрасонӣ машғул мешаванд.

Барои худшуғл шудан дар ин замима сабти ном бояд кард «Мой налог» - npd.nalog.ru/app/

Дар муддати 2 моҳи баъди гирифтани патенти кор шуморо зарур аст, ки ба Управление по вопросам миграции МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области нусхаи шартномаи меҳнатиро бо мактуби фармоишӣ бо фиристодани огоҳии қабул фиристонед ё шахсан баред, вагарна патенти шуморо ғайри қобили амал ҳисоб мекунанд.

**ТАВАҶҶУҲ!** Мунтазам пардохт кардани андози патенти корро фаромӯш накунед, сабти ҳисоби муҳоҷират (регистратсия)-ро мувофиқан ба муҳлати пардохтшудаи патент дароз кунед.

## Робитаҳои муфид

Хизматҳои давлатӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ - www.gosuslugi.ru/foreign-citizen

Биржаи расмии кор дар вилояти Ленинград - czn47.ru/vacancy, 8 800 3504747

Комитет по местному самоуправлению, межнациональным и межконфессиональным отношениям Ленинградской области: сайт: msu.lenobl.ru , тел.: 8 (812) 539-52-33

Управление по вопросам миграции ГУ МВД России по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области: сайт: 78.mvd.ru/ms тел. 8 (812) 573-38-25, 8 (812) 573-30-02

Паспортно-визовый сервис МВД России, филиал по Санкт-Петербургу и Ленинградской области: сайт: pvsmvd.ru/branches/47 , тел.: 8 (812) 7036878

Маркази бисёрҷабҳаи пешниҳоди хизматҳои давлатӣ ва мунитсипалӣ (МФЦ)-и вилояти Ленинград: сайти: mfc47.ru, тел.: 8 (800) 500-00-47

Ёрии бепули ҳуқуқӣ - БФ «ПСП-фонд»: 8 (953) 141-31-09, 8 (812) 337-57-85, , psp-f.org, vk.com/pspfond

## Маълумоти муфид

migrantlenobl – сайт барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо «Добро пожаловать в Ленинградскую область!» Комитета по местному самоуправлению, межнациональным и межконфессиональным отношениям Ленинградской области

migrussia.ru – «Миграция и мигранты» (портали иттилоотӣ барои муҳоҷирон ва мутахассисони бо онҳо коркунанда – маслиҳатҳо оид ба мутобиқшавӣ ва дастгирии ҳуқуқӣ ба чанд забон, маводи иттилоотӣ, робитаҳои муфид бо ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ).

---

*Буклет «Добро пожаловать в Ленинградскую область! Миграционное законодательство и ответственность за его нарушение. Советы трудовым мигрантам» (на таджикском языке)*

*Разработка текста: БФ «ПСП-фонд»*
*Авторы-составители: Якимов А.Н., Гончарова Д.В.,*
*Редактор: Панич Б.Л.*

*Тираж 2000 экз.*

*Изготовлено в рамках проекта «Школа мигранта. Добро пожаловать в Ленинградскую область!» Комитета по местному самоуправлению, межнациональным и межконфессиональным отношениям Ленинградской области.*

КОМИТЕТ ПО МЕСТНОМУ САМОУПРАВЛЕНИЮ, МЕЖНАЦИОНАЛЬНЫМ И МЕЖКОНФЕССИОНАЛЬНЫМ ОТНОШЕНИЯМ ЛЕНИНГРАДСКОЙ ОБЛАСТИ

migrantlenobl

## Хуш омадед ба вилояти Ленинград!

# Қонунгузории муҳоҷират ва масъулияти риоя кардани он

***Маслиҳат барои муҳоҷирони корӣ***

2023

Агар барои кор кардан ба вилояти Ленинград омадед, шумо ҳатман ҳамаи ҳуҷҷатҳои муҳоҷиратиро бояд қонунӣ кунед.

**Таваҷҷуҳ!** Миёнравҳо, саркорҳо, шиносҳо аксар вақт ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр мекунанд, ки баъдан шуморо ҷарима мебанданд ва ҳатто вурудатонро ба Россия манъ мекунанд!

Барои гирифтани ҳуҷҷатҳои ҳаққонӣ, легалӣ бояд фақат ба муассисаҳои давлатӣ муроҷиат кунед.

Тавсия медиҳем, ки ба сомонаи расмии хизматҳои давлатӣ сабти ном кунед https://www.gosuslugi.ru/foreign-citizen - бисёр ҳуҷҷатҳоро аз ин ҷо ба тариқи онлайн гирифтан мумкин аст.

Баъди омадан ба Россия шумо бояд чунин ҳуҷҷатҳоро тайёр кунед:

**1. Баъди гузаштан аз сарҳад ба шумо КОРТИ МУҲОҶИРАТ доданд.**

Корти муҳоҷиратро фақат дар сарҳад ба таври қонунӣ (легалӣ) гирифтан мумкин аст. Ҳеҷ вақт корти муҳоҷиратро аз даст нагиред. Пешниҳоди корти қалбакии муҳоҷират бо ҷаримаи маъмурӣ (то 7 000 рубл) ва рондан ба муҳлати 5 сол аз ҳудуди ФР сабаб мешавад. Дониста истифода бурдани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ҷазои ҷиноятӣ ҳам дорад.

Дар ҳолати гум кардани корти муҳоҷират шумо бояд дар муҳлати 3 рӯзи корӣ ба шуъбаи наздиктарини Управления по вопросам миграции МВД РФ бо шиноснома ва билети вуруд муроҷиат кунед. Тавсия медиҳем, ки билет ё талони мусофиратро, ки мувофиқи онҳо ба Россия омадаед, нигоҳ доред. Дар ҳолати гум шудани корти муҳоҷират онҳо вуруди қонуниятонро тасдиқ мекунанд.

**2. Дар рӯзи омадан ПОЛИСИ СУҒУТАИ ТИББӢ (ДМС) гиред. Онро аз ҳар кадом ташкилоти суғурта дар фурудгоҳ, вокзал ё шуъбаҳои Почтаи Россия гирифтан мумкин аст. Дар полис шароити хизматрасонии тиббӣ ва телефонҳои робитаи ширкати суғурта нишон дода мешаванд.**

Полиси ДМС барои шаҳрвандони хориҷиро ба воситаи портали расмии зер ҳам гирифтан мумкин аст https://www.gosuslugi.ru/foreign-citizen

Агар шумо шаҳрванди давлати аъзои ЕАЭС (Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон) бошед, баъди оғози кор дар асоси шартномаи меҳнатӣ метавонед бепул полиси суғуртаи ҳатмии тиббӣ (ОМС) гиред – он барои гирифтани хизмати бепули тиббӣ баробари дигар шаҳрвандони ФР ҳуқуқ медиҳад.

Ҳатман рақами телефон ва номи ширкати суғуртаеро, ки ба шумо полиси ДМС ё ОМС додааст, ба ёд гиред – дар ҳолати гум кардан шумо метавонед ба ширкати суғурта муроҷиат карда, онро барқарор кунед, ё тахия шудани онро дар сурати зарур шудани ёрии тиббӣ тасдиқ намоед. Полиси тиббиро нусхабардорӣ кунед ё сураташро гиред.

**3. Баъди омадан ба вилояти Ленинград ба шумо зарур аст, ки дар ҲИСОБИ МУҲОҶИРАТ САБТИ НОМ кунед (РЕГИСТРАТСИЯ) дар ҳамон суроғае, ки дар он истиқомат мекунед. Шаҳрванди хориҷӣ уҳдадор аст, ки дар муҳлати на дертар аз 7 рӯзи баъди вуруд сабти муҳоҷират кунад; шаҳрвандони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон – дар 15 рӯзи тақвимӣ, давлатҳои ЕАЭС (Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон) – дар 30 рӯзи тақвимӣ, Беларус ва Украина – дар 90 рӯзи тақвимӣ.**

Тарафи қабулкунанда, ки манзил медиҳад, шуморо дар ҳисоби муҳоҷират сабти ном мекунад – инҳо метавонанд қабулкунанда бошанд:

- шаҳрванди ФР, ки доимӣ дар вилояти Ленинград сабти ном шудааст
- шаҳрванди хориҷӣ, ки дар вилояти Ленинград доимӣ зиндагӣ мекунад
- шаҳрванди хориҷӣ – соҳибмулки манзили истиқоматӣ
- шахси ҳуқуқӣ: ташкилоти кордиҳанда, меҳмонхона.

Барои сабти муҳоҷират ба шуъбаи ҳудудии Управления по вопросам миграции ГУ МВД РФ по Санкт-Петербургу и Ленинградской области, ба маркази бисёрҷабҳаи пешниҳоди хизматҳои давлатӣ (МФЦ), ба шуъбаи «Почты России» муроҷиат кардан мумкин аст.

Шумо бояд ин ҳуҷҷатҳо ва нусхаҳои онҳоро пешниҳод кунед:

- шиномнома
- корти муҳоҷират
- полиси суғуртаи ихтиёрӣ
- нусхаи ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи истифода аз манзили зисти шуморо тасдиқ мекунад (масалан, шартномаи соҳибмулкӣ).

Барои сабти номи муҳоҷират зарур аст:

- Варақа-огоҳномаи вурудро аз ду тарафаш пур кардан. Баъди пур кардан як қисми варақа ба УВМ ГУ МВД РФ фиристонда, қисми дигараш дар дасти шаҳрванди хориҷӣ меистад. Дар ҳар ду қисм ҳатман суроғаи ҷойи омада, маълумоти шахсии ҷониби қабулкунанда ва шаҳрванди хориҷӣ навишта мешаванд.
- Огоҳномаро бо нусхаи шиносномаҳои шаҳрванди хориҷӣ ва шаҳрванди ФР (ҷониби қабулкунанда) ба УВМ ГУ МВД РФ по СПб и ЛО – ба воситаи «Почту России», ё шахсан ба МФЦ ё ба шуъбаи УВМ ГУ МВД РФ по СПб и ЛО БЕПУЛ дастрас кардан.
- Гирифтани варақаи бурида бо сабти қабули он аз ҷониби кормандони шуъбаи УВМ ГУ МВД РФ по СПб и ЛО, МФЦ ё «Почты России».

Худ ва фарзандонро бо ёрии онлайн дар ин портал сабти номи муҳоҷират кардан мумкин аст https://www.gosuslugi.ru/foreign-citizen - дар сурати тасдиқи розигии ҷониби қабулкунанда. Огоҳномаро дар бораи сабти муҳоҷират баъдан чоп бояд кард.

Сабти аввалияи муҳоҷирати шаҳрвандони кишварҳои низоми бераводид ба муҳлати на зиёда аз 90 рӯз аз санаи вуруди сарҳад сурат мегирад ва барои кор кардан ҳуқуқ намедиҳад. Баъди ба кор сар кардан сабти муҳоҷиратро мунтазам дар шуъбаи УВМ ГУ МВД РФ по СПб и ЛО мувофиқан бо муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ (барои шаҳрвандони давлатҳои аъзои ЕАЭС) ё патенти пардохтшудаи кор дароз кардан лозим аст.

**4. Шаҳрвандони Озарбойҷон, Молдова, Тоҷикистон, Ӯзбекистон тибқи қонун бояд барои кор кардан ПАТЕНТИ КОР гиранд.**

Аз шаҳрвандони кишварҳои ЕАЭС ва Украина патент талаб карда намешавад. Шартномаи меҳнатӣ ё шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ барои дароз кардани муҳлати будани мувaққатии онҳо дар ҳудуди ФР асос шуда метавонад.

Барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳои таҳияи патент аввал гирифтани ин ҳуҷҷатҳо зарур аст - СЕРТИФИКАТИ ДОНИСТАНИ ЗАБОНИ РУСӢ, ТАЪРИХ ВА ҚОНУНҲОИ ФР, ШАҲОДАТНОМАИ ТИББӢ ВА СЕРТИФИКАТ ДАР БОРАИ НАДОШТАНИ БЕМОРИҲОИ нашъамандӣ ва сироятии барои атрофиён хатарнок, инчунин БНМО (ВИЧ).

Гузаштан аз санҷиши тестӣ ва гирифтани сертификати донистани забони русӣ, таърих ва қонунгузории ФР дар марказҳои махсуси тестӣ сурат мегирад. Ҳангоми муроҷиат ба марказ шумо дар бонки дилхоҳ маблағ супурда расиди онро барои супурдани санҷиш пешниҳод кунед.

Дар бораи санҷиши тестӣ ва мустақилона ба он тайёр шудан ба шумо ин сайт ёрӣ мерасонад «Российский тестовый консорциум» testcons.ru.

Агар шумо ҳуҷҷатҳои зерин дошта бошед, аз санҷиши тестӣ озодед:

- дипломи хатми муассисаи таълимӣ дар СССР, ки то 1 сентябри соли 1991 гирифтаед
- дипломи хатми муассисаи таълимӣ дар ҳар кадом аз кишварҳои ИДМ (СНГ) бо омӯзиши курси забони русӣ, тарҷумаи русии тасдиқшудаи он дар нотариус ва шаҳодатномаи мутобиқати диплом бо стандартҳои таҳсилоти Россия.

Муоинаи тиббӣ дар муассисаи махсуси тиббӣ мегузарад. Гузаштан аз комиссияи тиббӣ хизмати пулакӣ аст.

Барои кор дар соҳаи хизмати маишӣ ва хӯроки умумӣ (қаҳвахона, кӯдакистон, меҳмонхона, мактаб ва ғайра) доштани ДАФТАРЧАИ ТИББӢ зарур аст. Дафтарчаи тиббиро дар ҳамон ҷое, ки аз комиссияи тиббӣ амал мекунад, пулакӣ гирифтан мумкин аст.

Баъди гирифтани ҳамаи маълумотномаҳо ва сертификатҳо шумо бояд ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани ПАТЕНТИ КОР – дар муҳлати 30 рӯзи баъди вурудатон ба Россия супоред. Агар ин муҳлатро риоя накунед, – аз 10000 то 15000 рубл ҷарима пардохтан лозим мешавад.

Барои кор аз рӯйи ихтисоси дар патент нишон дода нашуда – аз 4000 то 7000 рубл ҷарима пешбинӣ шудааст.

Патенти кори барои вилояти Ленинград гирифта барои кор дар Санкт-Петербург иҷозат намедиҳад – инҳо минтақаҳои гуногун мебошанд!